«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи
С.Улуғзода, доктори илмҳои
филология, профессор
__________ Гулназарзода Ж. Б.
«_16_»________________2023 с.

# ХУЛОСАИ
## кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Диссертатсияи Салимов Аслиддин Иномҷонович дар мавзуи **«Идеали баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руи ихтисоси 03.00.09 – таърихи фалсафа мувофиқ аст.

Салимов А. И. соли 2007 ба ДДҲБСТ (ш.Хуҷанд) ба факултети “Сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ” дохил гардида, соли 2012 Донишгоҳи мазкурро бо ихтисоси “Сиёсатшинос-маъмур” хатм кардааст. Дар марҳалаи омода намудани диссертатсия Салимов А.И. аз соли 2014 ҳамчун аспиранти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода (ҳоло ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода) фаъолият менамуд.

Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои фалсафа, профессор Зиёӣ Х.М. ҷонишини директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ ба номи А.Баҳоваддинов мебошад.

Кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода рисолаи илмии Салимов Аслиддин Иномҷоновичро дар мавзуи «**Идеали баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик**» баррасӣ намуда, хулосаи зеринро қабул намуд:

Рисолаи Салимов А.И. кори илмии мукаммали дорои арзишҳои назарӣ ва амалӣ буда, аз навгониҳои зиёде иборат мебошад. Муҳаққиқ кори васеъ ва муфассали таҳқиқотиро дар мавзуи интихобшуда анҷом додаст.

Диссертатсия ба мавзуи муҳим, баробарии иҷтимоӣ дар афкори фалсафии мардуми тоҷик, аз давраи бостон то асрҳои миёна, бахшида

шуда, муаллифи он кушиш намудааст, ки то раванди таҳаввули ин зуҳурроти иҷтимоиро дар масири таърих таҳқиқ намояд. Аҳамияти баррасии мавзуи мазкур дар он аст, ки дар ҳар давру замон дар ҷомеа аз лиҳози сиёсиву иқтисодӣ нобаробариҳои зиёде арзи вуҷуд кардаанд ва сабаби нооромиҳои иҷтимоӣ гардида, ба инқилобҳо ва сарнагуншавии давлатҳо боис гардидаанд.

Масъалаҳои баробарии иҷтимоӣ, адолати иҷтимоӣ ва озодии фард дар масири таърих таваҷҷуҳи андешамандони бузургро ба худ ҷалб намудааст. Муносибат дар таърихи тафаккури фалсафӣ ба ин падидаҳои иҷтимоӣ якхел набуда, онҳо дар ҳар давраи таърихӣ вобаста ба талаботи замон дар доираи таълимотҳои гуногун, ба тарзҳои мутафовут аз ҳам баррасӣ гардидаанд. Адами нобаробарӣ дар иҷтимо боиси халалдор шудани сохтори он мегардад. Ҳарчанд дар раванди таърих дар ягон ҷомеае баробарии мутлақ ҳукмрон набудааст. Яъне ин падида, як падидаи нисбӣ ба ҳисоб меравад. Аммо дар таълимотҳои мутафаккирони гузашта ва мактабҳои алоҳидаи фалсафӣ-динӣ ин зуҳуроти иҷтимоӣ ба таври назариявӣ, баъзан дар шакли тахаюлоти шоирона (ҷомеаи ормонӣ) тасвир ёфтааст. Аз баррасии он маълум мешавад, ки тафаккури озодипарастӣ ва инсонпарастӣ, новобаста аз мақому мазалати он, ҳамеша дар мадди назари донишмандони тоҷик қарор ёфтааст.

Аммо ин нуктаро бояд қайд намуд, ки хосияти диалектикии мафҳумҳои мавриди баррасӣ, талаб мекунад, ки онҳо набояд фақат ҷанбаи назариявӣ дошта бошанд. Бояд чунин идеяҳою назарияҳо аз сатҳи субъективии мавҷудияти худ ба сатҳи объективӣ гузашта, мазмуни ҳаёти инсониятро дигаргун созанд, онро тағйир диҳанд. Чунон ки маълум аст, дар идеалҳои баробарии иҷтимоӣ муҳимтарин ҳадафҳо ва арзишҳои башарият, арзишҳои миллӣ ва инфиродии одамон зоҳир гардида, аз як тараф хусусияти умумибашарӣ дошта бошанд, аз тарафи дигар дорои хусусияти миллӣ мебошанд. Зеро баробарӣ ва адолати иҷтимоие, ки хоси тафаккури мардуми Шарқ аст, аз тафаккури ғарбӣ, оиди ин падидаҳои иҷтимоӣ, тафовути бунёдӣ дорад. Бинбар ин ҷомеаи муосири мо бояд барои пиёда намудани падидаҳои адолат ва баробарии иҷтимоӣ пеш аз ҳама такя бар анъанаҳо ва арзишҳои миллӣ намуда, баъд аз он навовариҳои ҷаҳони муосирро қабул намояд. Вобаста ба ин аҳамияти рисолаи илмӣ дучанд меафзояд.

**Мақсад ва вазифаи таҳқиқ.** Мақсади асосии кори диссертатсионӣ хело хуб муайян гардида аст, ки он иборат аст аз таҳқиқ ва таҳлили масъалаи баробарӣ ва адолати иҷтимоӣ дар осори илмии файласуфон ва мутафакирони тоҷик аз даврони бостон то асрҳои миёна. Барои ноил

шудан ба ин мақсад диссертант чунин вазифаҳои мушаххасро дар пеши худ гузоштааст:

- таҳлили мафҳуми "баробарии иҷтимоӣ";
- муайян намудани ҷойгоҳи "баробарии иҷтимоӣ" дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ аз рӯи нуқтаи назари файласуфони аҳди бостон ва асрҳои миёнаи тоҷик;
- баррасӣ ва арзёбии масъалаи идеяи баробарии иҷтимоӣ дар таълимоти динҳои аҳди бостон ва мактабҳои фалсафию динии асримиёнагии тоҷик (фалсафаи калом, исмоилия, тасаввуф, машшоия);
- муайян намудани дараҷаи таъсири зинаҳои шуурнокии иҷтимоӣ ба рушди муҳити иҷтимоӣ;
- арзёбии тавсифи масъалаи озодӣ, гуманизм ва идеяи "шоҳи одил" ҳамчун асоси баробарҳуқуқӣ дар таълимоти машшоия;
- нишон додани нақш ва ҷойгоҳи дин, илму маърифат ва ахлоқи ҳамида ҳамчун омилҳои калидӣ барои таъмини адолат, озодӣ ва баробарӣ дар фалсафаи калом;
- омӯхтани таъсири ҷаҳонбинии фалсафӣ ва назариявӣ дар бораи ҳуқуқ ва сиёсати иҷтимоӣ дар таърихи Шарқ;
- ташхиси ғояи баробарӣ дар таълимоти намояндагони аҳли тасаввуф;
- таҳлили алоқамандӣ ва таносуби мафҳумҳои «баробарӣ» бо «озодӣ», "адолат", "ҳуқуқҳои табиӣ" дар таърихи фалсафаи тоҷик.

**Ахамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ аз он иборат аст,** ки дар рисола масъалаи баробарии иҷтимоӣ дар афкори фалсафии мактабҳои динӣ-фалсафӣ ва мутафаккирони алоҳидаи тоҷик, аз аҳди бостон то асрҳои миёна, мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор гирифтааст. Чунин тарзи баррасии масъала метавонад барои худшиносии миллӣ ва эҳёи фалсафаи миллӣ заминаи амалӣ ва назариявӣ гардад. Инчунин тафовути андешаи миллиро, дар мавриди омӯзиши падидаҳои мазкур, аз андешаи мардуми Ғарб нишон медиҳад.

**Асосҳои методологии тадкикро** методҳои соҳавӣ, ташхис, таҳлил ва синтез, муқоиса, ва методҳои дигари фалсафӣ, таърихӣ ва диалектикӣ ташкил медиҳанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст**, ки:

1. Рисолаи мазкур аввалин таҳқиқи илмие мебошад, ки масъалаи баробарии иҷтимоиро дар афкори фалсафии мардуми тоҷик аз

аҳди бостон то асрҳои миёнаро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додааст.

2. Исбот шудааст, ки нуқтаҳои назари мутафаккирон перомуни баробарӣ мухталиф буда, "баробарии сиёсӣ", "баробарии иқтисодӣ" ва "баробарӣ дар имконият" дорои шарҳҳои гуногун мебошанд;
3. Муайян карда шудааст, ки идеяи баробарии иҷтимоӣ дар таълимоти намояндагони машшоияи шарқӣ аз ақидаҳои мутафаккирони Юнон ва Рими қадим сарчашма мегиранд, аммо хусусиятҳои хоси худро дорад;
4. Тасдиқ гардид, ки дар таълимоти маздакия "баробарии иқтисодӣ" асоси баробарии воқеӣ дониста шуда, инсонҳо дар имконият ва натиҷаҳои иқтисодӣ бояд баробар бошанд;
5. Натиҷагирӣ шуд, ки идеяи баробарии иқтисодӣ, сиёсӣ баробарӣ дар имконият ҳамчун асоси ҷомеаи боадолат дар таълимоти Маздак, Форобӣ ва Ҷомӣ дар шакли утопиявӣ таҳлил, баррасӣ ва хулосабарорӣ карда шудааст;
6. Исбот карда шуд, ки идеяи баробарии иҷтимоӣ дар таълимоти мутафаккирони тоҷик гарчанде босабаби норасоиҳои муҳити иҷтимоӣ дар шакли ормонӣ зуҳур кардаанд, аммо заминаи воқеӣ доранд ва аҳамияти башардӯстона дошта, метавонанд, инсонҳоро ба сӯи адолат, ҳақиқат, маърифат, худшиносӣ ва баробарӣ ҳидоят кунанд.

Маводҳои рисоларо метавон ҳангоми таълими фанҳои фалсафа, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ истифода намуд.

Корҳои нашршуда ва автореферат мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

1. Салимов А.И. Баробарии иҷтимоӣ аз нуқтаи назарари Абдураҳмони Ҷомӣ. Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ // № 1 (62-2). Душанбе, 2015. С.377-380.

2. Салимов А.И. Социальное равенство с точки зрения маздакизм // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. № 5-2 (66). Душанбе, 2015. С. 13-17.

3. Салимов А.И. Баробарии иҷтимоӣ аз нуқтаи назари Ибни Сино // Ахбори академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон № 4 (240). Душанбе, 2015. С. 67-71.

4. Салимов А.И. Идеи социального равенства в учении Зороастризма // Ахбори академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон № 3 (247). Душанбе, 2017. С.58-64.

5. Салимов А.И. Проблема социального равенства в учении Абунаср Фараби // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академии илмҳои Ҷумҳури Тоҷикистон. № 2. Душанбе, 2017. С.34-37.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Салимов Аслиддин Иномҷонович дар мавзуи **«Идеали баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, кори илмии анҷомёфта буда, тамоми хусусиятҳои кори диссертатсиониро дар худ ифода менамояд. Диссертатсияро метавон барои ҳимоя тавсия намуд.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок карданд 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушода, ҷиҳати ба ҳимоя пешниҳод намудани диссертатсияи Салимов Аслиддин Иномҷонович ба тариқи зайл сурат гирифт:
тарафдор - 16 нафар; зид – нест; бетараф - нест. Суратҷаласаи №8 аз 14.03.2023.

Мудири кафедраи фалсафа
ва сиёсатшинсии ДБЗХТ
ба номи Сотим Улуғзода
н. и. ф., дотсент Маҷидов Д.Ҳ.

Котиб: Мирова Н.Р.

Имзоҳои Д.Ҳ. Маҷидов ва
Н.Р.Мироваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.